# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба самтҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, аз ҷумла ба *банди 4* – "Назария ва консепсияҳои таълим" (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), *банди 6* – "Консепсияҳои таълим" (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; равандҳои инноватсионӣ дар таълим), *банди 7* – "Педагогикаи амалӣ" (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор ва вазифаҳои он) мувофиқат мекунад.

Муқаддима баррасии мубрамияти мавзуъ, муҳиммияти таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодгардида, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, манбаъ ва методҳои таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқот ва сохтори корро дар бар мегирад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Сафарзода Гулистон Сафар яке аз мавзуъҳои ҳалталаби педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, мактабу маориф дар шароити кунунии рушд ва ҷаҳонишавии низоми таҳсилот ва дастовардҳои беназири технологияи таълимию иттилоотӣ дар сиёсати давлатӣ мақоми меҳвариро соҳиб мебошанд. Барои таъмини рушди муназзами соҳаи маориф, тарбияи мутахассиси рақобатпазир дар бозори меҳнат ва барои ноил шудан ба ин мақсад Ҳукумати ҷумҳурӣ даҳҳо стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро ба тасвиб расонидааст, ки дар рушди маорифи кишвар бе шак нақши басо созгорро мегузоранд.

Аз ин рӯ, тақдири имрӯзу фардои кишвар аз рушди маориф, ки ҳадафи он татбиқи барномаҳои давлатӣ маҳсуб меёбад, вобаста буда, ҳар қадар низоми маориф дар ҷумҳурӣ рушд кунад ва насли наврас

донишманду бомаърифат, навовару ихтирокор ба камол расад, ҳамон қадар ояндаи мамлакат шукуфон хоҳад шуд.

Илова ба ин муаллиф дуруст таъкид кардааст, ки то ба имрӯз масъалаи раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ба таври бояду шояд ва мукаммал аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Сафарзода Гулистон дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба таълиму тарбияи насли наврас ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти Тоҷикистон, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯи кор омадаанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти диссертант аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои муҳими раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои самараноки татбиқи барномаҳои давлатӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагон бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Сафарзода Г.С. дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи диссертатсия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст. Аз он ҷумла:

- вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва аҳамияти онҳо дар таъмини пешрафти таҳсилот ва навсозии мазмуну мундариҷаи таълимро муайян ва таҳлил намудааст;
- раванди иҷрои талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимиро баррасӣ кардааст;
- шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои самараноки татбиқи барномаҳои давлатӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагонро ошкор сохта, ба таври назариявию амалӣ асоснок намудааст;

- талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили ихтисос ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, ҳамчунин оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро муайян кардааст;

- роҳу воситаҳои ҳалли проблемаи таҳқиқот дар назария ва амалияи муосир, омӯхтани муносибатҳои умуминазариявиро дар татбиқи барномаҳои давлатӣ муайян ва асоснок кардааст;

- самаранокии татбиқи талаботи барномаҳои давлатӣ оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон, роҳу усулҳои татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ва арзёбии натиҷаҳои онро ба таври озмоишӣ санҷида, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст ва вобаста ба ҳар яке аз ин масоил назари олимону муҳаққиқон ва мулоҳизаву пешниҳоди худро манзур кардааст.

Аз ин дидгоҳ, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархури ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Қабл аз ҳама, месазад дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Сафарзода Гулистон, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- дастовард ва мушкилоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

- вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шуда, нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф муайян карда шудааст;

- мушкилоти раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкор карда шуда, роҳу воситаҳои бартарафсозии ин мушкилот нишон дода шудааст;

- собит гардидааст, ки такмили ихтисоси омӯзгорон яке аз талаботи асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва омили асосии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор мебошад, ки ба баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат хоҳад кард;

- роҳу усулҳои амалисозии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун унсури асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ таҳлилу баррасӣ ва манзур шудааст;

- талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф оид ба такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди омӯзиш ва озмоиш қарор ёфта, натиҷаҳои он ҷамъбаст ва арзёбӣ шудааст ва дар ин замина тавсияву пешниҳодот оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал коркард ва ироа шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима ва ду боби мантиқан бо ҳам алоқаманд иборат буда дар зерфаслҳои бобҳои он рафт ва натиҷагирӣ аз кори таҳқиқотӣ бонизом ҷой дода шудаанд.

«Барномаҳои давлатӣ омили асосии рушди соҳаи маориф дар замони истиқлолият» боби аввали диссертатсия буда, дар се зербоби он ба таври муфассал атрофи дастоварду комёбиҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, вазъи иҷрои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, дастовардҳо ва мушкилоти татбиқ ва нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маориф мавриди ибрози назар шудааст. Зербоби аввали он ба вазъи сангини дар охири асри XX аз саргузаронидаи соҳаи маорифи Тоҷикистон ва дастовардҳои мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ бахшида шуда, ислоҳоти соҳаи маориф ва раванди амалисозии он аз дидгоҳи мутобиқат ба талаботи таҳсилоти муосир таҳлилу арзёбӣ шудааст. Дар зербоби дуввум унвонҷӯ вазъи иҷрои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф: дастовардҳо ва мушкилоти татбиқ, дар зербоби саввум Барномаҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар татбиқи ислоҳот ва рушди соҳаи маорифро баррасӣ намудааст.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки "Такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгор – яке аз ҳадафҳои асосии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф" номгузорӣ шудааст, масъалаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон - омили асосии баланд бардоштани малакаи касбии онҳо, гузаронидани кори озмоишӣ-таҳқиқотӣ, ҷамъбасти он, таҳлилу таҳқиқ карда шудааст.

Дар зербобҳои ин боб таъкид карда мешавад, ки дар зинаи муайянкунандаи таҳқиқот (таҷрибавӣ-озмоишӣ) ва таҳлили вазъи воқеии раванди татбиқи талаботи барномаҳои давлатии рушди соҳаи

маориф ва такмили салоҳиятнокии касбии омӯзгорон муайян гардидааст, ки баъзе роҳбарон ва омӯзгорон ба мазмун ва муҳтавои ин Барномаҳо ва дар куҷо ва чӣ тавр татбиқ намудани он шинос нестанд. Омӯзиш ва таҳлилҳо муайян намуданд, ки сарфи назар аз баъзе норасоиҳо, дар миқёси ҷумҳурӣ азхудкунии барномаҳои таълим аз ҷониби хонандагон ва сатҳу сифати дониши онҳо беҳтар гардида, дар маҷмуъ, азхудкунии барномаи таълим ва сифати таҳсилот, масалан, дар соли 2022 нисбат ба соли 2019 мутаносибан 1,6% ва 0,4% баланд гардидааст.

Дар асоси таҳлили муқоисавӣ муаллифи рисола ба хулосае меояд, ки барномаҳои давлатӣ дар воқеъ омили асосии рушди соҳаи маориф дар замони истиқлолият гашта, дар натиҷаи татбиқи самараноки онҳо соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра ба як силсила дастоварду муваффақиятҳо ноил шудааст.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- маҳсуб ёфтани дастоварду комёбиҳои дар ҷумҳурӣ дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ бадастомада аз бисёр ҷиҳатҳо самараи иҷрои саривақтии барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф;

- ташкили шароитҳои мусоид дар муассисаҳои такмили ихтисос ҷиҳати ба кормандони соҳаи маориф омӯзонидани роҳҳои татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф;

- ташкили гурӯҳҳои корӣ ва ба раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо фиристонидани онҳо ҷиҳати мусоидат ба иҷрои саривақтии муқарраротн барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва тавзеҳи талаботи барномаҳо ва роҳу усули амалисозии онҳо дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ;

- муайян намудани мушкилот ва проблемаҳои мавҷудаи соҳаи маориф вобаста ба талаботу нақшаҳои иҷрои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дарёфти шароитҳои педагогӣ, моддиву техникӣ ва молиявию иқтисодӣ ҷиҳати бартарафсозии ин мушкилот;

- дар баробари шарикони рушд ҷалби бахши хусусии мамлакат ҷиҳати саҳмгузорӣ дар татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола масъалаи вазъи татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, ошкорсозии нақши онҳо дар рушди маорифи кишвар, муайян сохтани роҳу усулҳои самарабахши татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар, ҷаласаҳои кафедраҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он, дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, чанде аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шуданд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2017-2022 дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он, семинарҳои омӯзишӣ оид ба раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

-таҳқиқоти мазкур ҷиҳати татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи маориф масъулияти роҳбарони тамоми зинаҳои таҳсилотро беш мегардонад;

- он метавонад ҳамчун дастури назариявӣ ва методӣ дар семинару курсҳои омӯзишӣ мавриди истифода қарор дода шавад;

- натиҷаву хулосаҳои таҳқиқот метавонанд боиси бартарафсозии мушкилоту норасоиҳои дар раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ошкор гашта, масъулияти иҷрокунандагонро баланд бардорад;

- натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон барои амалисозии чорабиниҳои барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф ва инчунин дар муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ба таври васеъ истифода бурд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 11 мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои методӣ, аз он ҷумла 8 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 1 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти

таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Аҳамияти назариявии таҳқиқотро равшану васеътар тасвир бояд кард.

2. Агар дар диссертатсия адабиёти илмӣ-методии олимони тоҷик бештар инъикос мееёфтаанд, аз ин рисола бурд мекард.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи “Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Сабурӣ **Х.М.**

Маълумот барои тамос:
Шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова, 1; Тел.+992 (992-3422) 6-52-73, +992 92 847 7607; Почтаи электронӣ: saburov.67@mail.ru.

21.12.2023

*Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДДХ*
*ба номи академик Б. Ғафуров"* Наврӯзов Э.М..